**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори ИФСҲ ба номи**
**А.Баҳоваддинови АМИТ**
**_________ дотсент Назар М.А.**
**«17» ___04___ 2020 с.**

# ХУЛОСАИ

**шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар бораи диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи «Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия, Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар зинаи докторантураи фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таҳсил кардааст. Дар корҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард, гирандаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иброҳимов Ф.М. санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ ва маҷмӯии зинаи докторантураи фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисосро пурра супоридааст (Маълумотномаи академӣ таҳти рақами № 2).

Роҳбари илмии Иброҳимов Ф.М. доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ, Кароматулло Олимов буда, дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ фаъолият менамояд.

Шуъба баъди баррасии муфассали диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. ба хулосаи зер расид:

Диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. дар мавзӯи **«Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен»** таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Рисолаи мазкур ба омӯзиши осори ховаршинос ва муҳаққиқи

таърихи фалсафаи тоҷику форс А.Корбен бахшида шудааст. Муаллиф дар баробари баррасии андешаҳои А.Корбен роҷеъ ба фалсафаи тоҷику форс ва мутафаккирони он, ҳамчунин фикру мулоҳизаи муҳаққиқони тоҷик, эронӣ, рус ва ӯзбекро муқоисаю таҳлил кардааст.

Мақсади таҳқиқот - ошкор намудани муҳтаво ва хусусиятҳои ақидавии фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва намояндагони алоҳидаи он дар пажуҳиши А.Корбен. Ҳамчунин муаллиф дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои зеринро иҷро кардааст:

- таҳлилу баррасии мушаххаси фалсафаи машшоияи шарқӣ дар пажуҳиши илмии А.Корбен;
- аҳамияти афкори Абӯнасри Форобӣ аз назари А.Корбен;
- ташреҳи ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии осори тамсилии Абӯалӣ ибни Сино дар таҳқиқоти А.Корбен;
- муайян намудани аҳамияти фалсафаи калом аз назари А.Корбен;
- арҷгузорӣ ва тавсифи таълимоти ахлоқию иҷтимоии тасаввуф дар системаи таҳқиқоти А.Корбен;
- хусусияти таълимоти исмоилия аз диди А.Корбен;
- шарҳу тавзеҳи А.Корбен ба фалсафаи ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва баҳси ӯ дар бораи муҳтавои он.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз усулҳои таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ истифода намудааст. Иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар доираи таърихи фалсафа, муносибатҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангшиносӣ сурат гирифта, тавсифи бо низом ва маҷмӯии методологии таҳқиқи масъалаҳои омӯзиши фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва намояндагони он дар таҳқиқоти А.Корбен аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки зимни пажуҳиш методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, герменевтика, аксиология, ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, илмият, мантиқият, таърихият мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот бо назардошти шарҳу тавзеҳи илмӣ - фалсафии *машшоия, калом, тасаввуф, исмоилия ва ишроқия,* ҳамчунин асоснок кардани заминаҳои пайдоиш ва шаклгирии онҳо, инчунин асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ ба таври мушаххас танзим шудааст.

Навҷӯии кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз он иборат аст, ки диссертант дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда ақоиди ҷараёнҳои фалсафӣ ва динии асримиёнагии тоҷику форсро аз дидгоҳи А.Корбен бо назардошти сарчашма ва таҳқиқоти олимони Шарқу Ғарб муҳокимаву баррасӣ намудааст.

Нававарии кори диссертатсионӣ ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос меёбад:

- бори нахуст дар таърихи илми тоҷик осори фалсафии файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса А.Корбен ба таври муназзам таҳқиқ гардида, иқтибосҳо аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума шудаанд;

- аввалин бор дар илми таърихи фалсафаи тоҷик аз тариқи баррасии андешаҳои А.Корбен дар бораи Абулҳасани Омирӣ маълумот дода шуда, ӯ ҳамчун ҳалқаи васли таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино даниста шудааст;

- нодурустии ақидаи А.Корбен, ки Форобиро аз аҳли тасаввуф медонист, на пайрави машшоия, собит карда шуд;

- муайян карда шуд, ки А.Корбен ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии рисолаҳои тамсилии Абӯалӣ ибни Синоро таҳлил намуда, «Ҳай ибни Яқзон»-ро рисолаи асосӣ барои дарки ҷаҳонбинии ирфонии Ибни Сино номидааст. Ба назари А.Корбен, «Рисолат ат-тайр»-и Ибни Сино низ рисолаи ирфонӣ буда, асосан дар пайравӣ ба «Меъроҷ»-и паёмбар навишта шудааст. Дар вақти навиштани рисола Ибни Сино аз таълимоти Эрони Бостон ва Юнони Қадим, аз ҷумла монавия ва «Федр»-и Афлотун баҳра бурдааст. Ҳамчунин ба таъбири А.Корбен, рисолаи «Саломон ва Абсол» ирфонӣ аст ва мутафаккир онро идомаи мантиқии ду рисолаи боло медонад;

- таҳқиқи асарҳои А.Корбен собит кард, ки ӯ таълимоти Шиҳобуддини Суҳравардиро идомаи мантиқии фалсафаи Ибни Сино ва таълимоти фалсафӣ-динии Форсу Юнони Қадим медонад, ки минбаъд ҳамчун таълимоти алоҳида ташаккул ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшударо метавон барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, барои таҳия кардани маҷмӯаи таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо оиди фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс истифода намуд. Ҳамзамон маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаи бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, ки марбут ба масъалаҳои фалсафии тоҷику форс аст дорои аҳамиятанд.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд пурра мазмуни корро ифода менамоянд.

**Рӯйхати мақолаҳои интишороти муаллиф:**

1. Иброҳимов Ф.М. Анри Корбен файласуф, мусташриқ ва муътарҷими маъруф//Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - Душанбе, 2017. - № 1. (245) - с. 83-88.

2. Иброҳимов Ф.М. Анри Корбен аз назари муҳаққиқони тоҷик//Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - Душанбе, 2018. - № 1. (249) - с. 44-48.

3. Иброҳимов Ф.М. Рисолаи «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Сино дар омӯзиши Анри Корбен//Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. - № 2. - с. 180-183.

4. Иброҳимов Ф.М. «Рисолат-ут-Тайр»-и Ибни Сино дар таъбири Анри Корбен//Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ. - Душанбе, 2019. - № 1. - с. 60-65.

5. Иброҳимов Ф.М. Нигоҳе ба таҳқиқи Анри Корбен дар бораи Абӯнасри Форобӣ//Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ. - Душанбе, 2020. - № 1. - с. 122-128.

Диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. дар мавзӯи **«Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен»** пажуҳиши анҷомёфтаи илмист ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур баъди баррасии диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 15 - нафар, аз ҷумла 5 - нафар доктори илм. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати пешниҳод шудани диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. ба ҳимоя: тарафдор 15 - нафар; зид, бетараф нест. Суратҷаласаи № 1 аз 10.04.2020 с.

Мудири шуъбаи таърихи
фалсафаи ИФСҲ, н.и.ф. Шамсов М.С.

Котиби ҷаласа: Каримова Б.А.

Имзои М.С.Шамсов ва Б.А.Каримоваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ Кучарова Б.Д.